*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи илмии Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзӯи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Маҳз татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши кишоварзӣ ба ҳалли яке аз чор ҳадафҳои асосии стратегии рушди иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ равона гардида, он ба ҳолат, такрористеҳсол ва истифодаи самараноки заминҳои лалмии кишоварзӣ ва омилҳои табиӣ-иқлимӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагӣ дорад. Дар минтақаи кӯҳии Хатлон омилҳои зиёди истифоданашудаи баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои  кишоварзӣ, аз ҳисоби оқилона истифодабарии захираҳои замини минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ мавҷуд мебошад, ки то кунун мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ қарор дода нашудаанд. Илова бар ин, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиии минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ барои таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, рушди коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатии мардум мусоидат менамояд.

Муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки омӯзиши масъалаҳои рушди зироаткории лалмӣ дар шароити норасоии заминҳои обии кишоварзии минтақаҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон, хеле муҳим арзёбӣ гардида, он аз ташаккул ва рушди муносибатҳои нави заминдорӣ, усули биологии муҳофизати растаниҳо, низоми пешқадами киштгардон ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақаҳои кӯҳӣ маншаъ мегирад. Ҳалли илмӣ-амалии масъалаҳои ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ, дар навбати худ, ба ҳамоҳангсозии механизмҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ, технологӣ-инноватсионии рушди соҳаи кишоварзӣ ва вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии калон дорад.Таҳқиқ ва ҳалли масоили мазкур муҳиммияти тадқиқоти илмиро муайян намуда, яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва ҳалталаб дар шароити ҳозира ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди он, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст, баъзе норасоиҳо низ вуҷуд доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

Якум, ин ки бо сабаби он, ки диссертатсияи мазкур ба ихтисоси иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бахшида шудааст, хубтар мешуд муаллиф дар шакли харитаи ҷуғрофӣ-ҳудудӣ ноҳияҳоеро ҷудо менамуд, ки дар онҳо рушди зироаткории лалмӣ бештар ба мақсад мувофиқ аст, ки ин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро осонтар менамуд. Зеро ки чи тавре, ки маълум аст бисёре аз ноҳияҳои вилояти Хатлон дар минтақаи биёбонӣ (аридный регион) ҷойгир шудаанд, ки дар чунин шароит обёрӣ омили асосии ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ таъсиррасон ба ҳисоб меравад.

Дуюм, ин ки автореферат аз камбудиҳои хусусияти имлоӣ ва стилистикӣ дошта холӣ нест.

Аммо аз назари мо, ин эродҳо ва пешниҳодҳои оварда шуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши илмии автореферatro паст карда наметавонад.

Диссертатсияи номзадии Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзӯи "Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)" дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Доктори илмхои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи
иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони
Донишгоҳи славянии Руссия-Тоҷикистон Раҳматзода Х.Б

Подпись заверяю
Начальник ОК РТСУ
Рахимов А.А.